10.01.09. ФОЛКЛОРШИНОСӢ
10.01.09.ФОЛЬКЛОРИСТИКА
10.01.09. FOLK STUDIES

***ТДУ 8Т1***
***ТКБ 83,3 (0) 3***

# *ТАҲҚИҚИ ФОЛКЛОР ВА АДАБИЁТИ БАДАХШОН ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ*

***Охониёзов Варқа Дӯстович,*** *д.и.ф.,сарходими илмии Пажӯҳишгоҳи илмҳои инсонии АИ ҶТ, доктори илмҳои филологӣ(Тоҷикистон, Душанбе)*

# *ИЗУЧЕНИЕ ФОЛЬКЛОРА И ЛИТЕРАТУРЫ БАДАХШАНА В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА*

***Охониёзов Варка Дустович,*** *д.и.ф., главный научный сотрудник Института гуманитарных наук АН РТ, доктор филологических наук (Таджикистан, Душанбе)*

# *INDEPENDENCE OF THE COUNTRY AND POSSIBILITY OF STUDYING BADAKHSHAN FOLKLORE AND LITERATURE*

***Okhoniyozov Varka Dustovich,*** *Dr. Filology oleading scientific officials of the Institute of Humanities under the Tajik Academy of the Sciences, Dr. of Philology. (Tajikistan,Dushanbe),**E-mail:** shuwoz@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *истиқлол, Институти илмҳои гуманитарӣ, шӯъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшон, адабиёти тоҷик, адабиёти классикӣ, забони тоҷикӣ, забонҳои маҳаллӣ, адабиёти ба забонҳои маҳаллӣ эҷодшуда, фолклори Помир, таҳқиқ, пажӯҳиш*

*Институти илмҳои гуманитарӣ ба номи академик Б. Искандарови АМИТ ҳамсоли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар давоми сӣ соли истиқлолияти кишвар аз тамоми имкониятҳои мавҷуда баҳри пажӯҳиши тарафҳои мухталифи фарҳанги сокинони Кӯҳистони Бадахшон мустафод намуд. Ҳамин буд, ки осори пажӯҳишии гаронбаҳое дар самтҳои таърих, фолклор, адабиёт ва ийтисодиёти иҷтимоиёти сокинони ин диёри куҳани тоҷикон арзи ҳастӣ намуд. Бадахшон, ки асосан аз ҷиҳати мавҷудият забонҳои гуногуни қаадимаи гузаштагони миллати тоҷик ва гуногунии фолклору адабиёти хеш ба таври ҳамешагӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифта будааст, маҳз дар даврони Истиқлолият ба доираи пажӯҳиши ҳаматарафа кашида шудааст. Дар мақола дастовардҳои сисолаи яке аз шуъбаҳои бунёдии ИИГ АНИТ, шӯъбаи адабиёту фолклор ба таври мухтасар мавриди назари хонандагон қарор дода шудааст.*

***Ключевые слова:*** *независимость, Институт гуманитарных наук, отдел фольклора и литературы Бадахшана, таджикская литература, классическая литература, таджикский язык, местные языки, литература на местных языках, памирский фольклор, исследования*

*В статье речь идет о роли Института гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова НАНТ, являющегося ровесником государственной независимости Республики Таджикистан, который за тридцать лет независимости страны сумел использовать все доступные возможности для изучения различных аспектов культуры населения Горного Бадахшана. Это дало возможность появлению ценных исследований в области истории, фольклора, литературы и социально-экономической науки жителей этой древней таджикской земли. Отмечается, что Бадахшан, который всегда находился в центре внимания благодаря существованию различных древних языков таджикского народа и разнообразию его фольклора и литературы, с момента обретения Таджикистаном независимости стал предметом всесторонних исследований. В статье дается краткий обзор тридцатилетних достижений одного из фундаментальных отделов ИГН НАНТ* ***-*** *отдела литературы и фольклора.*

***Key words:*** *independence, institute of humanities, department of folklore and literature of Badakhshan, Tajik literature, classical literature, Tajik language, local languages, literature in local languages, Pamir folklore, research*

*In his article the author speaks about with the role of the Institute for the Humanities named after acad. B. Iskandarov NAST being the same age as the state independence of Tajikistan Republic which over the thirty years of the country`s independence has managed to use all available opportunities to study various aspects of the culture of population of Gorno-Badakhshan. This enabled the emergence of valuable*

*research in the following fields, such as: history, folklore, literature and socio-economic science of the inhabitants of the relevant ancient Tajik land. It is underscored that Badakhshan has always been in the spotlight due to the existence of various ancient languages of the Tajik people and diversity of its folklore and literature has become the subject of comprehensive research since Tajikistan independence achievements. The article provides a brief overview of thirty years of achievements of one of the fundamental departments of ISN NAST - the Department of Literature and Folklore.*

Марҳилаи нави ҷамъоварӣ, табъу нашр ва омӯзиши адабиёти Бадахшонро бидуни самараҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасаввур кардан наметавон.

Институти илмҳои гуманитарии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (минбаъд ИИГ АМИТ) институти илмии тадқиқотӣ буда, 9-сентябри соли 1991 бо Қарори Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (№147) дар заминаи шӯъбаҳои помиршиносӣ ва тадқиқоти иҷтимоӣ-иқтисодии базаи Помири Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудаст. Рамзист ҳаст, ки Институт ҳамтаваллуди Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳадафи таъсиси ИИГ АМИТ тадқиқ ва тавсияи омӯзиши фундаменталии фарҳанг, гурӯҳи забонҳо, таърих, мардумшиносӣ, бостоншиносӣ, раванди болоравии иқтисодиёт ва тафаккури иҷтимоии мардуми ВМКБ мебошад. ИИГ АМИТ дорои чор шӯъба: шуъбаи забонҳои помирӣ, шӯъбаи фолклор ва адабиёт, шӯъбаи таърих, этнография ва археология, шӯъбаи тадқиқоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, ҳар яке аз онҳо дорои нерӯи илмии зарурӣ ҳастанд.

Аз бузургтарин дастовардҳои ИИГ дар давоми 30-соли мавҷудияташ мунташир сохтани шаш адад маҷмӯаҳои силсилавии "Забонҳои помирӣ ва фолклор", "Масъалаҳои филологияи Помир","Масъалаҳои помиршиносӣ", луғати калонҳаҷми "Шугнано-русский словарь", чор муҷаллади "Фолклори Помир", рисолаи дастаҷамъии дуҷилдаи "История Горно-Бадахшанской автономной области" (Р.Масов, Х.Пирумшоев, М.Бубнова, А.Ранов, 2006), асарҳои алоҳидаи тадқиқотӣ доир ба забонҳои помирӣ, фолклор, таърих, мардумшиносӣ, тиб, иқтисодиёти Помир ва ғайра мебошад. Дар ин мақола, ба таври мухтасар, аз хусуси дастовардҳои шӯъбаи фолклор ва адабиёти Институти илмҳои гуманитарӣ ба номи академик Ю.Искандарови АМИТ дар 30 соли охир, ки ба натиҷаҳо ва имкониятҳои фароҳамовардаи истиқлолияти кишвар сахт марбутанд, сухан меравад.

Агарчи ҷамъоварӣ ва таҳқиқи осори фарҳангии Бадахшон дар давраи зиёда аз 150-сол идома дошта бошад ҳам, вале равнақи тадқиқоти илмӣ ва нашри осори чашмрас дар ин самт ба фаъолияти шуъбаи фолклору адабиёти Бадахшони ИИГ АНИТ дар даврони Истиқлолият рост меояд. Пеш аз ҳама, олимон ва кормандони илмии шуъба тавонистанд муҷаллади Куллиёти Фолклори мардуми Помирро дар чаҳор ҷилд таҳия ва нашр намоянд. Чунин маҳсули илмӣ дар таърихи помиршиносии олам бесобиқа мебошад.

Ҷилди аввали «Фоклори мардуми Помир» [21] 1486 матни 590 зарбулмасалу мақоли аслӣ (типпӣ)-ро ба забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ ва тоҷикӣ дар бар гирифтааст.

Ҷилди дуюми «Фолклори Помир» [22] 132 матни аслӣ (интихобӣ) ва дар маҷмӯъ 200 матни асотир, ривоят ва нақлро дар бар гирифта, онҳо, аз як тараф хусусиятҳои асосии ҳар яке аз ин навъҳои фолклориро дар алоҳидагӣ бозтоб кунанд, аз тарафи дигар, ба ҳамдигар алоқаи зич доштани ҳамдигарро барҷаста нишон медиҳанд. Ривоят ва нақлҳо, ки ба ҷилди китоб дохил гардидаанд, тибқи мундариҷа ва мазмун ба ҳашт гурӯҳ ҷудо шуда, онҳо дар маҷмӯъ баёнгари воқеии таърихи тӯлонии рӯзгор, дину оин, расму суннатҳо, тасаввуроту ақидаҳои қадимии мардум оид ба ашё ва ҳодисаҳои зиндагӣ, муҳит, ашёву ҳодисаҳои фавқуттабиӣ ва ғайра мебошанд. Аз ривоят ва нақлҳо рӯшан пайдост, ки мардуми Кӯҳистони Бадахшон дар тӯли таърихи ҳазорсолаҳо ба ҳар навъе ба халқу кишварҳои дуру наздик дар равобити сиёсӣ - иҷтимоӣ, моддӣ - иқтисодӣ ва маънавӣ - фарҳангӣ қарор доштааст. «Фолклори Помир» аз рӯи таҷрибаи нави фолклоршиносӣ таҳия ва чоп гардида буд.

Соли 2012 ҷилди сеюми фолклори Помир бо номи «Афсонаҳои ҳаётӣ-маишии мардуми Бадахшон» бо муқаддима, тавзеҳот ва луғоти корманди шуъба Г.Ризвоншоева[18] рӯи чопро дид, ки дар он зиёда аз 40 матни афсона дар забонҳои асл (рӯшонӣ, шуғнонӣ ва бартангӣ) ва тарҷумаи онҳо ба забонҳои тоҷикию русӣ гирд оварда шудаанд.

Ҷилди чоруми Куллиёти фолклори мардуми Помир дар заминаи маводи Фонди дастахатҳои ИИГ ва тадқиқоти профессор Нисор Шакармамадов бо дарбаргирии ривояту нақлҳо, афсонаву таърихҳои ҷойҳои муқаддас ва зиёратгоҳҳо бо номи "Остонҳо" [25] нашр гардид.

Ҷилди панҷуми Куллиёти Фолклори Помир, ки афсонаҳои сеҳромези мардуми ин сарзаминро дар бар мегирад, дар арафаи таҳия қарор гирифта, дар фароҳам овардани он

заҳмати номзади илмҳои филологӣ, марҳум Гулнисо Ризвоншоева беандоза мебошад. Олим ба ҷамъоварӣ ва таҳқиқи ин қабил афсонаҳо чанд соли умрашро сипарӣ намуда, хусусияти онҳо, алоқаашонро бо маросиму суннатҳои дигари мардумӣ, монандӣ ва тафриқаи онҳо бо афсонаҳои монанди ҳаммиллатон ва миллатҳои дигари ҳамсоя, иртиботи онҳо бо рӯҳия ва ҳаёти соҳибонаш ва масъалаҳои ҳамсонро таҳлилу тадқиқ намудааст. Мавсуф дар ин самт рисолаи илмиро дар таҳлили ғоя ва образи онҳо ба анҷом расонда буд ва онро соли 2015 дар шакли монографияи “Афсонаҳои сеҳромези мардуми Помир” аз чоп баровард.

Фаъолияти кормандони шуъба танҳо бо ҷамъоварии мавод ва мунтишири муҷаллади фолклор маҳдуд нагардида, балки таҳқиқи унсурҳо, жанрҳо ва мазмуну мафҳуми он низ ба таври густурда ба роҳ монда шуд. Аз ҷумла, бо ташаббуси муҳаққиқи фолклори Бадахшон Нисормамад Шакармамадов маҷмӯаи «Сурудҳои тӯии Помир» (Хоруғ: Помир, 1993) мураттаб ва нашр гардид. Дар маҷмӯа 86 матни сурудҳо гирд оварда шуда буданд, ки қисми асосии онҳо хоси лаҳзаҳои маросими тӯй мебошанд ва бархе дигарашон аз ягон ҷиҳат ба ин маросим алоқа доранд. Сурудҳои маҷмӯа аз рӯи мавзӯъ ва тарзу усули иҷро ба ҳашт гурӯҳ ҷудо шудаанд. Боиси қайд аст, ки маҷмӯа минбаъд ба ҳайси яке аз сарчашмаҳои асосӣ барои тадқиқоти ин қабил сурдҳои мардумӣ қарор гирифт.

Соли 1993 ин муҳаққиқи шаҳир асари арзишманди «Даргилик – жанри махсуси фолклор»[24]-ро ба табъ мерасонад, ки дар он машҳуртарин ва қадимтарин жанри адабиёти шифоҳии мардуми Бадахшон ба доираи баҳси алоҳидаи илмӣ кашида шудаст.

Бо заҳмати устод Шакармамадов дар ҳаммуаллифӣ бо Ориф Шакармамадов соли 2003 китобчаи «Наврӯзи Бадахшон» [27] рӯи чопро мебинад, ки дар он таҳлилу таҳқиқоти олимони тоҷик дар хусуси ҷашнгирии Наврӯз дар ҳудуди Кӯҳистони Бадахшон то андозае тақвият ва аз ҷиҳати мазмуну мафҳуми маросимҳои марбут ба Ҷашни Наврӯз як навъ ҷамъбаст гардида буданд. Ба назар мерасад, ки профессор Шакрамамадовро мавод ва хулосаҳои таҳлил қонеъ насохта, ӯ соли 2012 рисолаи Оинҳои «наврӯзӣ дар Бадахшон»-ро таълиф ва чоп менамояд. Рисолаи мазкурро дар ҳоли ҳозир яке аз мукаммалтарин таҳқиқоти илмӣ дар масъалаҳои тарзи иҷро ва мазмуну мафоҳими маросимҳои марбут ба Наврӯзи Бадахшон донистан ҷоиз аст. Тавассути ин рисола онҳое, ки ба расму оину таомули мардумӣ вобаста ба Наврӯзи кӯҳанбунёд ё худ таърихи фарҳанги мардум таваҷҷӯҳи беше доранд, маълумоти комилтар пайдо хоҳанд кард. Рисола барои таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии кешу оини мансуби ҷашнҳои суннатии халқу қавмҳои дигар аз манбаи муҳим маҳсуб мешавад.

Дар заминаи мушоҳидаҳои шахсӣ, маводи ҷамъовардашуда ва маводи илмии дастрас олимони помиршинос профессор Шодихон Юсуфбеков ва номзади илмҳои таърих Аловиддин Шоҳинбеков маҷмӯаи муккаммали расму ойини марбут ба Навруз дар ҳар ду соҳили дарёи Панҷро омода чоп намуданд [28].

Симои Носири Хусрави Қубодиёнӣ (1004-1088) ҳамчун Пири Кӯҳистон ҳамоно дар миёни мардум пойдор ва мавриди эҳтироми хосса мебошад. Ривоёт ва афсонаҳо нисбати ин шахсияти таърихӣ, ки ӯро ба як мусавވараи хаёлӣ табдил додаанд, то ба ҳол мавриди таваҷҷӯҳ ва истеъмои мардум қарор гирифтаанд. Инро ба инобат гирифта, Нисормамад Шакармамадов маҷмӯаи «Лаъли кӯҳсор»-ро, ки аз ривоятҳо ва афсонаҳо дар бораи Ҳаким Носири Хусрав иборат аст, аз чоп баровард [12]. «Лаъли кӯҳсор» нахустин маҷмӯае аст, ки дар он миқдори зиёди ривоёт ва афсонаҳои лафзӣ ва хаттӣ дар бораи ин файласуф, адиб ва мубалиғи тавонои ҳикмату фарҳанги форсу тоҷик фароҳам омадааст. «Сарчашмаи ривоят –воқеият» [19] яке дигар маҷмӯаҳост, ки доир ба ривоятҳои водии Вахон маълумоти муфассал медиҳад ва бо ибтикори устод фароҳам оварда шуда буд.

Асари «Бадахшон дар масири тамаддуни умумибашарӣ» [23] бошад, маҷмӯаи мақолаҳоеро фаро гирифтааст, ки аз нигоҳи мазмун ва муҳтаво мантиқан дар алоқамандии ҳамдигар қарор дошта, дар онҳо дар бораи таърихи таҳқиқи фолклори Бадахшон, хусусияти асосии он, таърихи сукунату таркиби этникии аҳолӣ, сабабҳои вуҷуд доштани лаҳҷаҳо ва забонҳои гуногуни гуфтугӯӣ дар Кӯҳистони Бадахшон, дар давоми таърихи ҳазорсолаҳо дар равобити иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, моддӣ ва маишӣ, фарҳангӣ ва адабӣ будани сокинони ин вилояти баландкӯҳ бо халқҳои дигар ва ғайра мулоҳизаҳо баён ёфтаанд.

Соли 2011 профессор Шакармамадов китоби дигари пурарзиш, вале муттассифона охиринаш -“Остонҳо-осори таърих ва фарҳанги мардум” (Тадқиқи зиёратгоҳҳои Кӯҳистони Бадахшон)-ро интишор намуд. Остонҳо аз унсурҳои муҳими таърихӣ - мазҳабӣ ва фарҳанги мардум буда, онҳо аз як тараф, ифодагари пиндошту дарки ашёву ҳодисаҳои табиат ва

фавқуттабиӣ, ихлосу эътиқод ва боварии мардум нисбати он ашёву ҳодисаҳо бошанд, аз ҷониби дигар, онҳо баёнгари воқеии паҳлӯҳои гуногун ва мухталифи ҳаёти моддӣ ва иҷтимоӣ, маишӣ ва фарҳангии мардум маҳсуб мешаванд. Ҳамаи ин масъалаҳо мавриди баҳси асари мазкур қарор дода шудаанд.

Дар самти адабиёти ин диёр низ тадқиқотҳо идома дода шуда, аз тарафи камина, ҳамчун корманди шуъбаи фолклор ва адабиёти Пажӯҳишгоҳ дар давоми солҳои тӯлонӣ тарафҳои мухталифи мавзӯи адабиёти соҳибмуаллифи Бадахшон ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашида, мақолаҳои зиёди илмӣ дар маҷаллаҳои ватанию хориҷӣ ба табъ расонида шуданд. Натиҷаи таҳқиқ бошад соли 1997 дар шакли рисолаи илмии “Пайдоиш ва таҳаввули шеъри муаллифии Бадахшон”[17] дар заминаи намунаҳои гурӯҳи забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ омодаву дифоъ гардид. Бар замми ин, инҷониб ашъори шуғнизабони Нодир Шанбезодаро таҳлил ва ба чоп ҳозир намудам, ки соли 1998 дар шаҳри Хоруғ, дар матбааи “Помир” бо номи пештараш - “Гулғунча” интишор дода будам.

Яке аз самтҳои таҳқиқ, ки мо ба он даст задем, инъикоси расму ойин ва суннату эътиқодоти мардуми тоҷик дар намунаҳои назми адабиёт буд. Дар ин самт доираи таҳқиқро васеъ намуда, масъалаҳои номбурдаро дар назми оламшумули тоҷик ҷустуҷӯ кардан гирифтем. Хулосаи ин ҷустуҷӯ ва таҳлил рисолаи докторӣ буд, ки дар шакли монографияи “Рамз ва мафҳуми рангҳо дар назми классикии форсу тоҷик” бо қарори Шӯрои илмии табъу нашри АИ ҶТ [14] аз чоп баромад. Солҳои 2010 ва 2011 инчунин асарҳои дигарро бо номҳои “Берангӣ – хосияти Офаридгор”[15] ва “Нодир Шанбезода ва адабиёти мусоири тоҷик” [16] мунташир ва дастраси аҳли илму ҳаводорони адаб намудем.

Аз соли 2001 то инҷониб корманди шуъба, доктори илмҳои филологӣ Давлатбеков Л. роҷеъ ба «Хусусиятҳои жанрӣ ва бадеии шоирони Бадахшон» (нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX) тадқиқот бурда истодааст. Номбурда дар ин самт мақолоти зиёдеро ба табъ расонд ва натиҷаи тадқиқоташ дар шакли китоби «Ҳунари бадеии суханварони Бадахшон» [4] ба табъ расид. Муҳтавои рисола аз вижагиҳои жанрии ашъори шоирони Бадахшон, умумият ва тафовути он аз ашъори шоирони доираҳои манотиқи дигари форсизабонон, маҳорати бадеии суханварони мавриди назар иборат мебошад.

Рисолаи дигари муҳаққиқ бо номи “Шоҳфутур – адиби донишманд”[5], дар хусуси фаъолияти таърихнигорӣ ва эҷоди осори бадеии яке аз нахустин омӯзгорон ва адибони давраи нави адабиёти Бадахшон - Охунд Шоҳфутур Муҳаббатшоҳзода баҳс мекунад. Ин рисола нахустин асари илмӣ-тадқиқотӣ дар бораи ҳаёт ва фаъолияти нисбатан мукаммали адиб аст ва дар он то андозае ҳунари эҷод ва сабку услуби ӯ низ мавриди назари муҳаққиқ қарор гирифтаанд.Муҳаққиқ Лоло Давлатбеков фаъолияти тадқиқотиашро идома дода, рисолаи докториашро дар самти таҳлили тарафҳои гуногуни назми форсии тоҷикии адабиёти Бадахшон мураттаб менамояд. Натиҷаи ин кӯшишҳои муҳаққиқ рисолаи дигари илмӣ – “Рӯзгор ва осори шоирони Бадахшон” [6]аст. Ин рисола доир ба вазъи сиёсиву иҷтимоӣ, рӯзгор, осор ва вижагиҳои жанрӣ, забону услуб ва маҳорати суханварии шоирони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и Бадахшон маълумоти пурарзиш дорад.

Рисолаи дигари илмии муаллиф бевосита ба “Фарҳанги дузабонаи шеъри Бадахшон”[7] ихтисос дода шудааст, ки маҳз аз хусуси таърих ва таҳаввули шеъри ин сарзамин бо забонҳои маҳаллӣ ва забони форсии тоҷикӣ маълумот медиҳад. Дар ин рисола асосан ашъори шоирони дузабона Мулло Лочин, Адими Шуғнонӣ ва Нодир Шанбезода ба риштаи таҳлил кашиду шудааст.Чуноне ки зикр рафт, доираи таҳқиқоти шуъба бо навъ жанр, мавзӯъу мундариҷаи фолклору адабиёти Бадахшон маҳдуд нест, балки кормандони он дар тамоми самтҳои адабиёти тоҷик таҳқиқ мебаранд. Аз ҷумла, ходими илмии шуъба Л.Мирзоҳасанов соли 2002 дар мавзӯи «Тасвири табиат дар ашъори шуарои асри XI» рисолаи илмиро ба табъ расонид.

Таҳти роҳбарии Н. Шакармамадов корманди шуъба Таваккалов Ҳ. соли 2006 дар мавзӯи “Анъанаи мадҳиясароӣ дар Бадахшон” рисолаи илмиро фароҳам овард ва онро соли 2014 ба таври китоби алоҳида интишор намуд. Дар рисола нахустин маротиба суннати мадҳияхонӣ бо таҳлили намунаҳои мадҳия - чун асари силсилавӣ ва аз жанрҳои калонҳаҷм дар шакли созию овозӣ, ки дар байни тоҷикони Кӯҳистони Бадахшон густариш ёфтааст, таҳлилу тадқиқ гардидааст. Ходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони ИИГ АМИТ Нуриҷаҳон Қурбонхонова солҳои зиёдро ба ҷамъоварӣ ва таҳқиқи асотиру ривоёти гуногуни дар миёни мардум марбут ба ҳайвоноту парандагон гузаронида, маҷмӯъаи аввалинашро дар ин самт бо унвони “Асотир ва ривоятҳо” [10] аз чоп баровард. Ин муаллиф асари дигари тадқиқотиашро

таҳти номи “Устураи ҷонварон дар фолклори Бадахшон”[11] аз чоп баровард. Маҷмӯъа натанҳо саҳифаи тозаеро дар илми фолклоршиносӣ боз намуд, балки барои муҳаққиқони соҳаҳои мухталифи ҷомеашиносӣ дар тадқиқи масъалаҳои мансуби фалсафа, антропология, этнология, мардумшиносӣ ва ғайра мавод ва маълумоти арзишнок фароҳам овард. Муаллифи мазкур инчунин дар ҳаммуаллифӣ бо профессор Н.Шакармамадов маҷмӯаи “Ёрномаҳои мардумӣ”-ро мураттаб намуданд ва он соли 2015 аз чоп баромад. Дар ин маҷмуа рубоиёте гирд оварда шудаанд, ки онҳо ҳасби ҳол, ҳиссу эҳсосоти рангин, ишқу ошиқии аёми ҷавонӣ, муносибатҳои ҳамаҷонибаи дилдодагонро дар давраҳои гуногуни таърихӣ акс ва ифода кардаанд. Унвонҷӯйи шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшон Абдураҳмон Охонниёзов пажӯҳиши илмиро дар хусуси нишонаҳои анъана ва унсурҳои навоварӣ дар эҷодиёти Саид Ҷаъфар, яке аз шоирони соҳибдевони асри XIX-и ҳавзаи адабии Шуғнон, анҷом дод, ки ҳамчун рисолаи илмӣ таҳия ва ҳимоя гардид. Ин рисола [13] нахустин маротиба ашъори яке аз намояндагони пешқадами ҳавзаҳои адабии Бадахшон, ки ашъорашро бо пайравӣ аз шеъри классикии форсии тоҷикӣ эҷод намуда буд, мавриди баррасии илмӣ қарор додааст.

Муҳаққиқи шуъба Абдулназар Абдулназаров бошад доир ба ҳолу ашъори Нодир Шанбезода тадқиқот бурда, рисолаашро дар шакли монография [1] аз чоп баровард. “Нодир Шанбезода ва эҳёи шеъри помиризабон” [2] аз дуюмин асари тадқиқотии муаллифи мазкур мебошад, ки дар хусуси саҳми Шанбезода дар эҳё ва пойдор сохтани ашъори шуғнонӣ баҳс мекунад. Дар таҳқиқи ин муҳаққиқ нақш ва саҳми Нодир Шанбезода ҳамчун сиёсатмадор дар дигаргунсозии ҳаёти даврони шӯравӣ ва ҳамчун шоир дар эҷоди ашъори он давр муайян гардидааст.

Ду асари навтарин, ки бо ибтикори шуъбаи фолклор ва адабиёти ИИГ АНИТ рӯи кор омаданд ба қалами докторони илмҳои филология Қаландариён Ҳоким Сафар ва Абдулназаров Абдулназар бо унвонҳои “Исмаилизм и персидская таджикская литератра X – XII вв”[9] “Танаталогические мотивы в таджикской литературе конец XX и начало XI вв” таалуқ доранд.

Дар асари аввал нахустин маротиба дар адабиёти тоҷик масъалаи таъсири мутақобила ва баррдошти мутақобили андешаҳои эътиқодӣ ва афкори бадеӣ мавриди таҳлили жарф қарор ёфтаанд. Асари дигар низ бори аввал ба таҳлилу таъсири афкори танаталогӣ (марсиявӣ, ғамангез, андешаҳои марг ва ҳодисаҳои мансуб ба фавт) ба андешаву тасвири нависандагон адабиёти муосири тоҷик дахл намуда, бардоштҳои муҳими илмиро ба бор овард.

Корманди шуъба, номзади илмҳои филология Ш.Давруқов доир ба Усмон Мухтории Ғазнавӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти охири асри XI ва аввали асри XII таълиферо ба табъ мерасонад, ки низ аз фаъолияти нисбатан васеи илмии шуъба дарак медиҳад.

Ҳамин тариқ, шуъбаи фолклор ва адабиёт чун пойдевори ИИГАМИТ баромад намуда, чаҳордевори Пажӯҳишгоҳро дар даврони Истиқлолияти Ватан бо ғиштҳои илмаш боло бардошт. Тибқи нақшаи панҷсолаи илмии шуъба барои солҳои 2016-2020 давом додани тадқиқоти густурда дар самти ҷамъоварӣ, таҳлил ва интишори фолклору адабиёти Помир дар заминаи усулҳои нави таҳқиқ ба назар гирифта шуда буд. Аз ҷумла, мураттаб сохтану ба чоп омода кардани ҷилдҳои минбаъдаи “Фолклори Помир” (“Афсонаҳои сеҳромез”) аз рӯи таҷрибаи навтарини фолклоршиносӣ ва аз нигоҳи нави афкори илмӣ-эҷодӣ идома ёфта, чанде аз масъалаҳои умдаи марбут ба эҷодиёти бадеии шифоҳии аҳолии гуногунзабони Бадахшон дар қиёси фолклори халқҳои дигар ба таҳқиқ гирифта шуданд ва мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, бо дарназардошти он ки адабиёти тоҷик ва адабиёти ба забонҳои маҳаллӣ эҷодшуди Бадахшон баёнгари бисёре аз масъалаҳои нокушодаи таърих, фарҳанг ва адаби миллати тоҷик мебошанд, омода намудан ва интишори таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон яке аз фаъолиятҳои бунёдии шуъба дар давоми солҳои зикршуда маҳсуб меёфт. Рӯи кор омадани асари бисёрҷилдаи “Таърихи адабиёти Бадахшон” бо дарназардошти сарчашмаҳо, давраҳои таърихӣ, тафриқаи мундариҷавию шаклӣ ва сохти композитсионӣ боиси комилии адабиёт ва ғановати фарҳанги миллӣ мегардад. Дар маҷмӯъ, анҷоми амалҳои банақшигирифташуда боиси таҳкими ҳуввияти миллӣ ва ҳамгироии маънавӣ мегардад.

Гузориши мазкур шамае аз фаъолиятҳои илмии ходимони ИИГ АНИТ аст, ки маҳз ба дастовардҳои даврони Истиқлолияти Ватан алоқаманд мебошанд. Раванди рушди 30-солаи таҳқикро дар ин муассисаи илмӣ мушоҳида намуда ва онро дар тарозуи имкониятҳои мавҷуда гузошта, бо боварии комил гуфтан метавон, ки ин маҳсул дар солҳои минбаъда ба даҳҳо ва садҳо дастовардҳои дигар ноил хоҳад шуд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Абдулназаров, А. Жизнь и творчество Нодира Шанбезода/А.Абдулназаров.–Душанбе: Эр-граф, 2015. – 190 с.
2. Абдулназаров, А. Нодир Шанбезода ва эҳёи шеъри помиризабон/А.Абдулназаров.– Душанбе: Эр-граф, 2017. – 190 с.
3. Афсонаҳои ҳаётӣ-маишии мардуми Бадахшон. Бо муқаддима, тавзеҳот ва луғоти Г.Ризвоншоева. – Душанбе, 2012. – 220 с.
4. Давлатбеков, Л. Ҳунари бадеии суханварони Бадахшон /Л. Давлатбеков. – Душанбе: Нодир, 2004. – 116 с.
5. Давлатбеков, Л. Шоҳфутур - адиби донишманд / Л. Давлатбеков. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, 2012. – 172 с.
6. Давлатбеков, Л. Рӯзгор ва осори шоирони Бадахшон / Л. Давлатбеков. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 179 с.
7. Давлатбеков Л. Фарҳанги дузабонаи шеъри Бадахшон /Л. Давлатбеков. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 286 с.
8. Давруқов, Ш. Усмон Мухтории Ғазнавӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти охири асри XI ва аввали асри XII / Ш. Давруқов. –Душанбе: Ирфон, 2017. – 230 с.
9. Каландаров, Х.С. Исмаилизм и персидско-таджикская литература X-XII вв (к проблеме взаимодействия религиозного и художественного мышления) / Х.С. Каландаров. – Душанбе: Сифат-Офсет, 2021. – 460 с.
10. Қурбонхонова, Н.М. Асотир ва ривоятҳо (дар бораи ҳайвоноту парандагон) / Н.М. Қурбонхонова. – Душанбе: Нодир, 2003. – 93 с.
11. Қурбонхонова, Н.М. Устураи ҷонварон дар фолклори Бадахшон / Н.М. Қурбонхонова. – Душанбе: Дониш, 2015. – 145 с.
12. Лаъли кӯҳсор. Ривоятҳо дар бораи Ҳаким Носири Хусрав. Мураттибон Н.Шакармамадов ва Н. Ҷонбобоев. – Душанбе: Маърифат, 2003. – 86 с.
13. Охониёзов, А.Д. Элементы традиции и творческих новшеств в поэзии Саид Джафар, канд.дисс / А.Д. Охониёзов. – Душанбе, 2017. – 173 с.
14. Охониёзов, В.Д. Мафҳум ва рамзи рангҳо дар назми классикии форсу тоҷик / В. Д. Охониёзов. – Душанбе: Дониш, 2010. – 243 с.
15. Охониёзов, В.Д. Берангӣ хосияти Офаридгор (маҷмӯаи мақолаҳо) / В.Д. Охониёзов. – Душанбе: Контраст, 2010. – 193 с.
16. Охониёзов, В.Д. Нодир Шанбезода ва адабиёти муосири тоҷик / В.Д. Охониёзов. – Душанбе: матбааи Донишгоҳи славянии Тоҷикистон, 2012. – 185 с.
17. Охонниёзов, В.Д. Пайдоиш ва ташаккули шеъри муаллифӣ ба забонҳои помирӣ / В.Д. Охонниёзов. – Душанбе: Эр граф, 2017. – 330 с.
18. Ризвоншоева, Г.Н. Афсонаҳои сеҳромези Бадахшон / Г. Н. Ризвоншоева. – Душанбе: Дониш, 2011. – 256 с.
19. Сарчашмаи ривоят –воқеият (ривоятҳои Вахон). Мусанниф ва мураттиб Н. Шакармамадов. – Хоруғ, 2007. – 39 с.
20. Сурудҳои туии Помир. Муаллифи муқаддима ва гирдоваранда Н. Шакармамадов. – Помир, 1992. – 73 с.
21. Фолклори мардуми Помир. Муҳаррирони масъул Д. Карашоев, Х.Шодиқулов. – Душанбе: Дониш. – 1992. – Ҷилди 1. – 357 с.
22. Фолклори Помир. Асотир, ривоят ва нақлҳо. Муҳаррирони масъул Х.Додихудоев, А.Каримова. Мураттиб ва муаллифи муқаддима, тавзеҳот Н.Шакармамадов. – Душанбе: Империал-групп. – 2005. Ҷилди 2. – 432 с.
23. Шакарамамадов, Н. Бадахшон дар масири тамаддуни умумибашарӣ / Н. Шакармамадов. – Душанбе: Дониш, 2007. – 164 с.
24. Шакармамадов, Н. Даргилик – жанри махсуси фолклор / Н. Шакармамадов. – Душанбе: Дониш, 1992. – 214 с.
25. Шакармамадов, Н. Остонҳо – осори таърих ва фарҳанги мардум (Тадқиқи зиёратгоҳҳои Кӯҳистони Бадахшон) / Н. Шакармамадов. – Хоруғ: Логос. – 2010. – 244 с.
26. Шакармамадов,Н.Оинҳои наврӯзӣ дар Бадахшон/Н.Шакармамадов.- Душанбе, 2012. – 100 с.
27. Шакармамадов, Н.Наврӯзи Бадахшон / Н. Шакармамадов, О. Шакармамадов. – Хоруғ: Маърифат, 2003. – 41 с.